**ТАҚРИЗ**

**ба автореферати диссертатсионии Зубайдуллозода Саидҷон Хайрулло дар мавзуи «Қубодиён дар асри XX – ибтидои XXI» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D020300 - Таърих (6D020301 - Таърихи ватанӣ). – Душанбе, 2025.**

Муҳиммияти омӯзиш ва таҳқиқи рисола дар он зоҳир меёбад, ки ба омӯзиш ва тадқиқи таърихи давраи нав ва навтарини яке аз минтақаҳои калонтарини Ҷумҳурии Тоҷикистон ноҳияи Қубодиён равона шудааст. Диссертант оид ба таъсис ва рушди ноҳияи Қубодиён замони Иттиҳоди Шуравӣ ва таҳаввулоти ҷиддии иқтисодию иҷтимоӣ ва фарҳангии ин минтақа дар давраи соҳибистиқлолӣ маводҳои зиёдро мавриди омӯзиш қарор дода, тадқиқоти мукаммали илмиро ба анҷом расонидааст.

Дараҷаи таҳқиқоти омӯзиши мавзуъ ба талабот мувофиқ буда, диссертант раванди рушди ҳаёти иқтисодӣ – иҷтимоӣ ва фарҳангии ноҳияи Қубодиёнро бо истифода аз манбаҳои боэътимоди бойгонӣ, ҳуҷҷатҳои расмӣ, маълумотҳои оморӣ, адабиёти таърихӣ ва матбуоти даврӣ мавриди таҳлили илмӣ қарор дода, ба хулосаҳои зарурӣ омадааст.

Дар таҳқиқоти диссертатсионӣ ҳаёти иқтисодӣ – иҷтимоӣ ва фарҳангии ноҳияи Қубодиён дар замони шуравӣ ва давраи соҳибистиқлолӣ мавриди омӯзиш қарор гирифта, таҳлилу таҳқиқи илмии худро пайдо намудаанд.

Навгониҳои илмии диссертатсия дар он зоҳир мешаванд, ки бори нахуст бо чунин номгузорӣ ва ҳаҷм, истифодаи сарчашмаву адабиёт оид ба омӯзиши ҳаёти иқтисодӣ – иҷтимоӣ ва фарҳангии ноҳияи Қубодиён дар ду давраи таърихӣ, яъне замони шуравӣ ва давраи соҳибистиқлолӣ таҳқиқоти мукаммали илмӣ ба анҷом расонида нашудааст.

Чӣ тавре аз тадқиқоти диссертант бармеояд, ноҳияи Қубодиён то барқароршавии ҳокимияти шуравӣ яке аз бекигарии Бухорои Шарқӣ маҳсуб ёфта, дар давраи шуравӣ ба ноҳияи пешрафтаи аграрӣ мубаддал гардида, дар ҳаёти иқтисодӣ-иҷтимоӣ ва фарҳангии ноҳия таҳаввулот ба амал омад. Марҳалаи нави рушди ноҳия ба давраи соҳибистиқлолӣ рост омада, дар партави сиёсати созандаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар баробари дигар минтақаҳои кишвар ноҳияи Қубодиён ба минтақаи саноатию кишоварзӣ ва фарҳангии ҷумҳурӣ мубаддал гардид.

Хулоса, дар рисола вазъи иқтисодию иҷтимоӣ ва фарҳангии ноҳияи Қубодиён дар замони шуравӣ ва давраи соҳибистиқлолӣ мавриди омӯзиш қарор гирифта, вазъи саноат, хоҷагии кишоварзӣ, мактабу маориф, фарҳанг, таъсис ва фаъолияти муассисаҳои фарҳангӣ - равшаннамоӣ ва

накши он дар баланд бардоштани ҳаёти моддию маънавии аҳолӣ таҳлилу таҳқиқи илмӣ гардидааст.

Ҳамин тавр, автореферати диссертатсионии Зубайдуллозода Саидҷон Хайрулло дар мавзуи **«Қубодиён дар асри XX – ибтидои XXI»** барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D020300 - Таърих (6D020301 - Таърихи ватанӣ) дар сатҳи хуби илмӣ ба анҷом расидааст. Рисола ба талаботи бандҳои 31, 33, 34 ва 35 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, мувофиқ буда, муаллифи он Зубайдуллозода Саидҷон Хайрулло сазовори дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D020300 - Таърих (6D020301 - Таърихи ватанӣ) мебошад.

**Муқаррízи расмӣ:**
Сардори шуъбаи таърихи нав ва навтаринии Муассисаи давлатии «Осорхонаи миллӣ»-и Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон номзади илмҳои таърих — Абдулҳамид Ф.

Имзои Абдулҳамид Ф.-ро тасдиқ мекунам:
Сардори шуъбаи кадрҳо ва корҳои махсуси Муассисаи давлатии«Осорхонаи миллӣ»-и Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон — Қадамова Ф. Ш.

ШУЪБАИ КАДРҲО
ОТДЕЛ КАДРОВ

Суроға: 734001, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Душанбе, хиёбони Исмоили Сомонӣ, 11
Тел: (+992 37) 2278647
museumtj@rambler.ru

«16» «12» соли 2025